# СУРАТМАҶЛИСИ № 102

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

01- уми марти соли 2025 ш. Душанбе

**Аъзоёни Шуро ҳамагӣ: 16 нафар**
**Иштирок доштанд: 16 нафар аъзоёни Шуро:**

1. Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт д.и.и., 08.00.08.01.
2. Низомов Самариддин Фахриевич д.и.и., 08.00.08.
3. Бобиев Исмоил Атоевич н.и.и., 08.00.08.
4. Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич д.и.и., 08.00.08.
5. Калемуллоев Мунир Воҳидович д.и.и., 08.00.08.
6. Қодирзода Диловар Баҳриддин д.и.и., 08.00.08.01.
7. Қурбонов Абдулҳайт Каримович д.и.и., 08.00.08.
8. Собирзода Нуралӣ Миралӣ д.и.и., 08.00.08.01.
9. Султонов Зубайдулло д.и.и., 08.00.07.
10. Умаров Хоҷамаҳмад д.и.и., 08.00.07.
11. Улугхоҷаева Хосиятхон Рауфовна д.и.и., 08.00.07.
12. Хоҷаев Парвиз Давронович д.и.и., 08.00.08.01.
13. Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич д.и.и., 08.00.07.
14. Ҷурабоев Ғафурҷон Ҷурабоевич д.и.и., 08.00.08.01.
15. Шарифзода Баҳром Маҳмуд д.и.и., 08.00.07.
16. Шарифов Зариф Раҳмонович д.и.и., 08.00.08.

**Раиси шуро**: д.и.и., профессор Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 03 июни соли 2024 таҳти № 174/шд тасдиқ шудааст, тасдиқ шудааст, 16 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори шуро кӣ чӣ гуна пешниҳод дорад? Пешниҳод гардид, ки ба кори шӯро оғоз бахшида шавад. Кӣ ҷонибдорӣ он, ки кори шӯро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намоед. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## <u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА</u>:

Ба ҳимоя қабул намудани диссертатсияи Икромова Малоҳат Холовна дар мавзӯи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар

ширкатҳои сохтмонӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Шунида шуд:** Раиси комиссияи ташхиси аввалия д.и.и., профеесор Қурбонов А.К. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Икромова Малоҳат Холовна дар мавзӯи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит суханрони намуда, қайд кард, ки диссертатсия мазкур барои ҳимоя қабул карда шавад.

Диссертатсия таҳти роҳбарии д.и.и., профессор Низомов С.Ф. омода гардидааст.

Мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, инчунин соҳаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-003, ки ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзӯъ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмӯъ 11 мақолаи илмӣ чоп гардидааст, ки 5,6 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла, 4,4 ҷузъи чопӣ аз муаллиф) ташкил медиҳад, аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

Комиссияи ташхис барои ҳимоя намудани диссертатсияи Икромова Малоҳат Холовна дар мавзӯи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, тавсия медиҳад.

**<u>ҚАРОР КАРДА ШУД:</u>**

1. Диссертатсияи Икромова Малоҳат Холовна дар мавзӯи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ” ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит барои ҳимоя қабул карда шавад.
2. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муқаррар карда шавад.
3. Муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин

муқаррар карда шаванд:

- **Шарифов Зариф Раҳмонович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;
- **Розиев Дилшод Астанақулович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, муҳосиби ҶДММ «ЦАИ Консалтинг Тоҷикистон».

4. Санаи ҳимоя 10- уми майи соли 2025 муқаррар карда шавад.

5. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

6. Омода намудани лоиҳаи хулосаи шуро оид ба диссертатсияи Икромова Малоҳат Холовна дар мавзӯи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ” ба уҳдаи д.и.и., профессор Қурбонов А.К., д.и.и., дотсент Собирзода Н.М. ва д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н. вогузор карда шавад.

Аз рафти ҷаласа чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Тарафдор – 16 нафар; зид- нест; бетараф - нест.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии шуро,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**